шаҳринавии гӯсфанди зоти ҳисорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи боэътимод ва ҷавҳари селексионӣ барои рушди минбаъдаи соҳаи гӯсфандпарварӣ ба ҳисоб меравад.

Афзоиши саршумори типи шаҳринавии гӯсфанди зоти ҳисорӣ имконият фароҳам меоварад, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсоли гӯшт зиёд гардида, дар таъминоти амнияти бехатарии озуқаворӣ саҳми босазо гузорад. Саршумори типи “Шаҳринавӣ”-и гӯсфанди зоти ҳисорӣ дар Корхонаи воҳиди давлатии зотпарварии “Зот-парвар”-и шаҳри Ҳисор, Коопе-ративи истеҳсолии “Дилшод-Б”-и ноҳияи Варзоб ва дигар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи Марказ парвариш карда мешаванд.



**Тартибдиҳандагон:**
**Наботов С.Қ.** н.и.к., мудири шуъбаи селексия ва технологияи гӯсфандпаврарӣ.

**Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
734064, ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1,
Тел: (992 37) 235-39-14
www.moa.tj; info@moa.tj
**Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21 а
тел./факс 221 70 04; 221 37 57,
E-mail: aikt91@mail.ru // www.taas.tj

**Институти чорводорӣ ва чарогоҳ**
734067 ш. Душанбе-67, Гипрозем – 17 ,
тел: 231-06-67, E mail: chorvodori@bk.ru

## ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

## ИНСТИТУТИ ЧОРВОДОРӢ ВА ЧАРОГОҲ

# ТИПИ “ШАҲРИНАВӢ”-И ГӮСФАНДИ ЗОТИ ҲИСОРӢ



**Душанбе – 2024**

# ТИПИ “ШАҲРИНАВӢ”-И ГӮСФАНДИ ЗОТИ ҲИСОРӢ



Типи шаҳринавии гӯсфанди зоти ҳисорӣ натиҷаи корҳои илмию селексионии тӯлонии олимону мутахассисони соҳаи гӯсфандпарварии ҷумҳурӣ буда, ба шароити минтақаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон мутобиқ гардидаанд.

Мувофиқи қарори ҳайати Мушовараи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-апрели соли 2023 таҳти №1/3, типи “Шаҳринави”-и гӯсфанди зоти ҳисорӣ расман тасдиқ карда шуд.

Гӯсфандони офаридашудаи типи нав дорои маҳсулнокии баланди гӯшту равған, пашм ва серналсӣ мебошанд.



Дар хоҷагиҳои зотпарварӣ вазни зиндаи қӯшқорҳои наслдеҳ ба ҳисоби миёна 130-135 кг, мешҳо 75-85 кг, барраҳо ҳангоми таваллуд 5-7,5кг, ҳангоми аз модар ҷудокунӣ дар синни 4,5-5 моҳагӣ, мутаносибан 40-50 ва 35-39кг, дар 1,5 солагӣ 80-75 кг – ро ташкил медиҳад. Вазнафзункунии шабонарӯзии барраҳо ҳангоми парвариш дар чарогоҳҳои тобистона ба 250-300 г мерасад.

Баромади гӯшти тозаи гӯсфандони бурдоқикардашуда то 60% -ро ташкил медиҳад, вазни қассобишуда бо ҳамроҳии равғани думба 75-80 кг ва аз ин миқдор то 15-20 % -ро равғани думба ташкил медиҳад.



Наслнокӣ ба сад сар меш 105-112 сарро ташкил медиҳад. Типи